# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсия Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна тахти унвони «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна тахти унвони *«Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим»,* ки зери роҳбарии номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Раҳмонов Зикриё Пулодович ба анҷом расидааст, аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ роҷеъ ба роҳҳои рушду тафаккури интиқодии хонандагони хурдсол тавассути усулу методҳои муосир ба ҳисоб хоҳад рафт.

Максади асосии таҳқиқоти диссертатсионии муҳаққиқ аз ҷиҳати дидактикӣ асоснок кардан, коркард ва санҷиши озмоишии методҳо, шаклҳо ва мундариҷаи рушди тафаккури интиқодии хонандагони хурдсол муаррифӣ мегардад, ки аз нигоҳи зарурати илмию амалии худ як пажуҳиши зарурӣ буда, арзиши бесобиқаро дорад.

Муаллифи диссертатсия дар хусуси зарурати омӯзиши мавзуъ ибрози назар намуда, аз ҷумла таъкид месозад, ки «Технологияи рушди тафаккури интиқодӣ имкон медиҳад, ки фаъолият дар раванди дарс ҷолибтар ва муфидтар гардад. Ба хонандагон хулосаҳои тайёр дода намешавад, ки онҳоро аз худ кунанд, балки маҳорати мустақилона кор кардан бо манбаъҳои иттилоотӣ омӯзонида шуда, барои азхудкунии дониш мусоидат карда мешавад. Инчунин, технологияи мазкур диққати хонандагонро ба ҳалли муаммо ва дарёфти роҳҳои онҳо равона мекунад. Он коммуникатсияи самаранок, самтгирӣ ва идоракунии маълумотро таъмин намуда, ҳатто муаммоҳои куллиро, мисли технологияи мусоидаткунандаи болоравии тафаккури ба интиқод мувофиқ, равонакунандаи таваҷҷуҳи таълимгирандаро ба маҳруки ҳалли масъалаҳо дар қаринаи омӯзиш ҳал менамояд» (саҳ.5).

Мавриди таҳлил қарор додани бобу фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия касро ба хулосае меоварад, ки диссертант саъй намудааст, то тамоми паҳлуҳои масъалаи баррасишавандаро мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро ба муомилоти илмӣ ворид созад.

Тавре ки дар автореферат зикр гардидааст, диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб бо 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда

иборат буда, дар ҳаҷми 179 саҳифаи чопи компютерӣ бо фарогирии 18 ҷадвал, 13 расм, 5 диаграмма ва 4 амсилаҳо таҳия шудааст.

Дар қисмати муқаддима муаллиф оид ба мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар қисмати тавсифоти он роҷеъ ба ҳадафи вазифаҳои таҳқиқот, объект, предмету фарзияи пажуҳиш, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, методу навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо риояи низоми муқарраршуда маълумот додааст.

Боби якуми диссерататсия «*Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули тафаккури интиқодӣ дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагон*» (автореферат, с.13-17), боби дуюм «*Технологияи педагогии ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва шароитҳои татбиқи он дар раванди таълим*» (автореферат, с.18-34) ном дошта, дар фаслҳои мухталифи чунин бобҳо диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки мероси илмӣ-методӣ ва психологӣ-педагогии олимон-методистонро оид ба рушди тафаккури интиқодӣ омӯхта, мавриди таҳлил қарор диҳад; таҳлили барнома, китобҳои дарсӣ ва маводҳои дидактикии марбут ба мавзуи таҳқиқотро ба роҳ монад; метод, роҳу усулҳои самарабахши омӯзиши азхудкунии маводи таълимии тарҳи тафаккури интиқодидоштаро, ки ба шаклгирии тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ мусоидат менамояд, коркард созад; сохтори муайяни технологияи шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодӣ ва таъсири онро ба инкишофи шахсияти хонандагон тартиб диҳад; дар асоси маводи омодашуда, модели технологияи педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар омӯзиши фанни забони модарӣ тартиб дода, усулҳои таълимро доир ба мавзуи таҳқиқот коркард намояд.

Муаллиф дар хулосаи умумии диссертатсия андешаҳои худро доир ба дараҷаи ҳалли мавзуъ дар 10 банд ҷамъбаст намудааст, ки мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

Аз маводи гирдомада ва тарзи таҳлили онҳо бармеояд, ки Ҷӯраева М.У. солҳои тӯлонӣ дар атрофи масъалаи мазкур машғули пажуҳиш аст. Дар заминаи таҳқиқоти мазкур муаллиф 25 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст, ки онҳо далели арзиши муҳимми назарӣ ва амалӣ доштани пажуҳиши мавриди назаранд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо 3 забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар анҷоми матни автореферат оварда шудаанд, мувофиқ ба

мукаррароти чории КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, моҳияти илмии диссертатсияро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Дастовардҳои илмӣ дар диссертатсияи мазкур арзишманду назаррасанд ва диссертант ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи *«Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим»* таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши илммиву амалияш ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарриз:** номзади илми педагогӣ,
и.в., дотсенти кафедраи методикаи таълими
технологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хисрав Носирзода Боймуҳаммад Носир

09.10.2025

Тел.: (+992) 905 03 51 23
Почтаи электронӣ: ballamurodov83@mail.ru

«Имзои и.в., дотсент Б.Н. Носирзода-ро тасдиқ менамоям».
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав Исозода Т.И.

Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Бохтар кучаи Айниӣ, 67
Тел.: (+992-832222) 2-54-81
Почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru

09 октябри соли 2025